

## Рушди барвақтии кӯдак чист?

Рушди барвақтии кӯдак марҳилаи муҳими ҳаёт аст, ки саломатӣ, беҳдошт, таълим ва рафтори кӯдакро дар тули ҳаёташ муайян менамояд.

Рушди кӯдакон равандест, ки дар натиҷаи таъсири мутақобилаи камолоти биологии майна бо муҳити зист ба амал меояд. Дар ин айём кӯдак имконият пайдо мекунад, ки малакаҳои навро аз худ кунад,худро дар ҷомеае бехатар эҳсос мекунанд ва дар он ҷо қадр карда мешавад. Рушд дар соҳаҳои гуногун сурат мегирад ва ҳам таъсири кумулятивӣ ва ҳам боздоранда дорад.

Давраи инкишофи барвақтии кӯдак марҳилаи муайянкунандаи рушди минбаъдаи ақлӣ, ҷисмонӣ ва нутқ дар ҳаёти ӯ мебошад.

Ин як давраи дарёфти имконоти бузург аст, ҳамоно марҳилаи осебпазир аз таъсироти омилҳои манфӣ ба ҳисоб меравад.

Марҳилаи рушди бармаҳали кӯдак давраи беназири ҳаёт аст, ки дар он қувваҳои созандаи рушд метавонанд барои пешгирӣ ё кам кардани маъюбият истифода шаванд.

---

***“Дахолати барвақтӣ ба кӯдак, волидон, оила ва муҳити иҷтимоии ӯ нигаронида шудааст. "***

***Ассотсиатсияи Аврупо оид ба мудохилаи барвақтӣ (Eurlyaid).***

---

Canada

Хадамоти Оғохон оид ба тандурустӣ, Тоҷикистон

AGA KHAN FOUNDATION

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳамаи расмҳои дар ин варақа истифодашуда аз манбаҳои боз дар интернет гирифта шудаанд.





# ДАРЁФТ ВА ДАХОЛАТИ БАРВАҚТӢ

*"Таъғир додани ибтидои қисса метавонад тамоми қиссаро таъғир бидиҳад."*



# Дахолати барвақтии кӯдакӣ чист ва чаро он муҳим аст?

Дахолати барвақтии кӯдакӣ (ECD) ҳама гуна намуди фаъолияҳоро ифода мекунад, ки ба рушди кӯдак ва дастгирии волидони пас аз муайянсозии ҳолати равонии кӯдак нигаронида шудааст.

Дахолати барвақтӣ ба кӯдак, волидон, оила ва муҳити иҷтимоии ӯ нигаронида шудааст.

# Оила-волотар аз ҳама.

Рушди мағзи кӯдак аз сифати муносибатҳои бармаҳал ва муошират бо волидайн ё парастори кӯдак вобаста аст.

Оила- падару модар фарзанди худро аз ҳама беҳтар мешиносанд, қафомонии инкишофро аз ҳама тезтар дарёфт мекунанд ва аз ҳама бештар ба рушди фарзандашон таъсир мегузоранд. Дастгирӣ, таҷриба ва имкониятҳое, ки дар солҳои аввали ҳаёт ба вуҷуд меоянд, рушди кӯдакро ба таври назаррас ташаккул медиҳанд.

---

*Кӯдакон аслан аз ҷудошавӣ аз як аъзои оилаашон ва аз вайроншавии оила таъсири манфии бевосита мегиранд ва ҷиҳати дилбастагӣ ба онҳо водори мушкилоти эҳсосӣ ва равонӣ мегарданд.*

*(Кумитаи Ҳуқуқҳои Кӯдак)*

---



Саҳми дарёфт ва дахолати бармаҳал ин мубодилаи дониш ва малака бо оилаҳо барои пешниҳоди имконияти рушди кӯдак мебошад.

**Принсипҳои дахолати барвақтӣ ба он равона мегарданд, ки:**

таваҷҷуҳ ба қобилияти кудак карда шавад, на ба тарафҳои заифи ӯ,
мусоидат ба интихоби оила ва назорати захираҳои дилхоҳ сурат бигирад.
муносиботи тарафайни волидон ва мутахассисони дарёфт ва дахолати бармаҳал ташкил бигардад.

